**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба кори диссертатсионии Солиев Нодирҷон Амрохонович дар мавзуи «Нақши андозбандии ғайримустақим дар танзими андозии иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

Солиев Нодирҷон Амрохонович аз соли 2018 то соли 2023 ба ҳайси унвонҷӯй таҳсил карда, онро аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дар кафедраи менеҷменти молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон хатм кардааст. Мавсуф ҳангоми иҷрои кори илмӣ, махсусан дар ҷамъоварӣ, омӯзиш ва таҳқиқи адабиёти илмӣ оид ба ҷанбаҳои назариявии мавзуи илмию таҳқиқотӣ қобилияти пешбурди кори илмӣ, масъулият ва мустақилият нишон дода тавонист. Дар давраи иҷрои кори илмӣ Солиев Нодирҷон Амрохонович 12 мақолаи илмӣ (аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон) таҳия ва аз чоп баровардааст.

Сатҳи дониш, усулҳои таҳқиқот ва ҳуҷҷатҳои оид ба таҳсилот пешниҳоднамудаи унвонҷӯ Солиев Н.А. ба стандартҳои таҳсилоти олии касбии дар ҷумҳурӣ қабулшуда мувофиқат мекунанд. Натиҷаи асосии таҳқиқот ва нуктаҳои муҳими диссертатсияи Солиев Н.А. дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар солҳои 2020-2024 баррасӣ гардидаанд. Муқаррароти алоҳидаи кори диссертатсионӣ дар конфронсҳои байналмилалии илмию амалӣ низ шунида ва мавриди баррассӣ қарор гирифтанд.

Марҳилаҳои иҷрои накшаи кори диссертатсионӣ, аз ҷумла интихоби мавзуъ, асосноккунӣ, мақсад, вазифаҳо ва баррасии аҳамиятнокии он бо иштироки бевоситаи диссертант таҳия ва иҷро шудааст. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти унвонҷӯ зимни таҳияи курси лексияҳо аз фанҳои “Андоз ва андозбандӣ”, “Системаи миллии андози Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Коргузорӣ дар мақомоти андоз” ва дигар воситаи аёнӣ дар кафедраи андоз ва андозбандии ДДМИТ мавриди истифода қарор гирифтанд.

Навоварӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Солиев Н.А. ба бандҳои Шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз за рӯйи бандҳои зерин: 2.4., 2.5., 2.9., 3.14., 3.15 мутобиқат мекунад.

Муқаррароти алоҳидаи илмӣ ва тавсияҳои методии ба дастовардаи муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ барои такмили низоми андозбандии ғайримустақим дар шароитҳои имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба

таъмини пурраи воридоти андозҳои ғайримустақим ба низоми буҷети кишвар мусоидат хоҳанд кард. Ҳамзамон, тавсияҳои амалии унвонҷӯ метавонанд оид ба такмили минбаъдаи механизми ситонидани андозҳои ғайримустақим ва идоракунии онҳо марбут ба иқтисодиёти муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гиранд.

Дар маҷмуъ, рисолаи диссертатсионӣ аҳамияти кифояи илмӣ ва назаривию амалиро доро буда, кори илмӣ-таҳқиқотии ба итмомрасида маҳсуб меёбад.

Ҳамин тариқ, кори диссертатсионии Солиев Нодирҷон Амрохонович дар мавзуи «Нақши андозбандии ғайримустақим дар танзими андозии иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба талаботҳои "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Роҳбари илмӣ,**

н.и.и., дотсент, и.в. профессори

кафедраи молияи ДДМИТ Бегматов А.А.

**Имзои Бегматов А.А.– ро тасдиқ мекунам:**

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси

ДДМИТ Мирҷамолов М.А.

"25" 05 2024